**Тақризи**

**номзади илмҳои фалсафа, дотсент Миров Фирӯз Сафаралиевич ба автореферати диссертатсияи Назаров Саъдулло Турахонович дар мавзӯи «Афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа**

Тадқиқи осори мутаффаккирони Шарқ дар асрҳои миёна барои ташаккули таърихи фалсафа ва донишҳои фалсафӣ, рушди идеяи миллӣ, баланд бардоштани ҷаҳонбинии илмии ҷавонон ва роҳ кушодан ба таҳқиқотҳои нав ба нави фалсафии муҳаққиқони ҷавон дар самти омӯзиши таълимоти пурғановати мутафаккирони Шарқ аҳамияти хоса дорад. Таълимоти фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии мутафаккирони Шарқ барои рушди илми фалсафа ва умуман, илмҳои ҷомеашиносии муосир ҳамчун замина ва сарчашмаи боэътимоди илмӣ хизмат намудаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқу омӯзиши таълимоти фалсафӣ ва иҷтимоию сиёсии мутафаккирони асрҳои миёнаи Шарқ барои ошкор намудани сарчашмаҳои илмӣ ва ташаккули фикрию зеҳнии файласуфони машҳури минбаъдаи Шарқ кӯмак мерасонанд.

Ба сифати сарчашмаи ташаккулёбии таълимоти фалсафӣ ва иҷтимоию сиёсии мутафаккирони асрҳои миёнаи Шарқ осори илмӣ-фалсафии Ибни Боҷҷа баромад менамояд. Донишманд тавонистааст, ки тавассути омӯзиши осори бузургтарин файласуфони Шарқ масъалаҳои асосии фалсафаи асримиёнагии шарқро ба оламиён муаррифӣ намояд ва хизматҳои бузургтарин мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷикро ба ҳамзамонони худ нишон диҳад. Дар шароите, ки ҷаҳонбинии динӣ бартарӣ дошт, Ибни Рушд илму фалсафаро тарғиб менамояд, ҳатто дар Ғарб мактаби фалсафии худро созмон медиҳад. Бузургии Ибни Рушд дар он зоҳир мегардад, ки осори пурғановати ӯ таваҷҷуҳи файласуфони

замона ва баъдинаашро ба худ ҷалб карда, пайравони зиёде пайдо намудааст.

Диссертант Назаров С. ба омӯзиши яке аз мавзуъҳои ҷолиби илмӣ-фалсафӣ ва таърихӣ, инчунин мураккабу заҳматталаб иқдом намудааст, зеро тадқиқи мавзӯъҳои таърихи фалсафа аз диссертант ҷустуҷуйи сарчашмаҳои таърихӣ, муқоисанамоӣ, ошкор намудани ҳақиқати таърихӣ ва танқиду радкуниҳои фарзияҳои пешниҳодшударо талаб менамояд. Аз шиносоӣ ба мазмуни диссертатсия маълум мегардад, ки муҳаққиқ дар тадқиқоти илмии худ аз сарчашмаҳои гуногуни илмию таърихӣ ва маводи фаровони соҳавӣ истифода бурда, ҳар як масъалаи бобу параграфҳои диссертатсияи худро амиқ баррасӣ намудааст.

Муаллиф ҳангоми навиштани диссертатсия дар назди худ мақсад гузоштааст, ки афкори фалсафӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии Ибни Боҷҷаро бо далелҳои раднопазири илмӣ-таърихӣ тадқиқ намояд ва нақши Ибни Боҷҷаро дар рушди илмҳои фалсафии Шарқ нишон диҳад. Барои расидан ба мақсади худ диссертант иҷрои як қатор вазифаҳоро ба миён гузоштааст, ки муҳимтаринашон омӯзишу таҳлили шароити иҷтимоиву сиёсии давраи зиндагӣ ва эҷодиёти Ибни Боҷҷа, муайян намудани омӯзиш ва таҳлили рушду инкишофи фарҳанг ва илмии даврони мутафаккир, баррасӣ ва таҳлили масоили ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ дар афкори фалсафии мутафаккир ва пайравии ӯ аз файласуфони шарқӣ, таҳлилу омӯзиш ва баррасии фалсафаи амалии Ибни Боҷҷа ба ҳисоб меравand.

Назаров С. нахустин маротиба ба таври амиқ ва ҳамаҷониба афкори фалсафию иҷтимоӣ ва сиёсии Ибни Боҷҷаро дар шакли рисолаи номзадӣ тадқиқ намуда, масъалаҳои фалсафии осори Ибни Боҷҷаро омӯхта, шарҳ додааст. Аввалин маротиба муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки назарияи маърифати Ибни Боҷҷаро бонизом ва бо далелҳои раднашаванда мавриди муҳокимаю баррасӣ қарор диҳад. Инчунин

муаллиф дар асоси сарчашмаҳои илмӣ-таърихӣ ва тадқиқотҳои анҷомдодаи мутафаккирони муосир таълимоти иҷтимоӣ-фалсафии Ибни Боҷаро таҳлил намудааст. Махсусан, Назаров С. андешаҳои иҷтимоии Ибни Боҷҷа ҳаматарфа ва амиқ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Диссертант ҳангоми навиштани диссертатсияи илмии худ аз методҳои гуногуни умумиилмӣ ва соҳавӣ васеъ истифода намудааст ва усулҳои тадқиқотии омӯзиши таърихӣ, таҳлили мантиқӣ, системавӣ, муқоисавӣ, сохториву арзишӣ ва гурӯҳбандию ҷудокунӣ дар ҳамаи марҳилаҳои навиштани рисолаи илмии муаллиф ба мушоҳида мерасад. Бо боварӣ гуфта метавонем, ки тадқиқоти илмии диссертант барои минбаъд мавриди омӯзиш қарор додани таълимоти илмию фалсафӣ ва иҷтимоии мутафаккирони дигари асримиёнагии Шарқ ҳамчун заминаи илмӣ-методологӣ баромад карда метавонад.

Масъалагузорӣ, хулосабарорӣ, тавсияю пешниҳодҳо ва навовариҳои Назаров С. дар доираи ин тадқиқоти илмӣ аз заҳмату кӯшишҳои илмӣ ва касбияти муаллиф бозгӯй менамояд. Мазмун ва шакли автореферат ва корҳои банашррасондашудаи муаллиф ба мазмуну мундариҷаи рисолаи илмӣ мувофиқат намуда, ба таври мухтасар шакл ва мазмуни диссертатсияи муҳаққиқро ифода менамояд. Автореферати диссертатсия фишурдаи диссертатсияро инъикос намуда, ба талаботҳои муқарраршуда ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамзамон бояд иброз намоем, ки дар баробари муваффақиятҳои бадастомада дар автореферат баъзе аз норасоиҳои ҷузъӣ ва хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд. Норасоихо роҳёфта ба мазмуни тадқиқоти баанҷомрасонидашуда таъсири назаррас намерасонанд ва арзиши илмии диссертатсияро коста намегардонанд.

Аз ин рӯ, тадқиқоти илмии Назаров Саъдулло Турахонович дар мавзӯи «Афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа» кори илмӣ-таҳқиқотии пурра анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Диссертатсияи илмӣ-

тадқиқотӣ ба талаботҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти №505 оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳо тасдиқ карда шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои фалсафа,
дотсент, мудири кафедраи сотсиологияи
факултети фалсафаи Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон **Миров Ф.С.**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
**E-mail:** mirov.firuz.s@gmail.com; mirov2010@mail.ru
**Тел.:** (+992) 93-733-33-11

**Имзои н.и.ф, дотсент Миров Ф.-ро**
**тасдиқ менамоям:**
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ **Тавқиев Э.**

23.04.2021

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
**E-mail:** tnu.int.re@gmail.com
**Веб-сайт:** www.tnu.tj
**Тел.:** (+992 37) 221-77-11; 221-47-96